# ХАДАМОТИ
# ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

аз «15» январи соли 2024 № 3 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо ва полизӣ ва кашонидан, безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо

Ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 2023, №41241 ва супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2024, №47015 (22.8), инчунин бо мақсади танзими минбаъда ҳаққи пардохти хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовобҳо, оби чарогоҳҳо ва оби полизӣ ва кашонидан, безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо дар зерсохторҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мутобиқи моддаи 14 –и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» ва банди 12 Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, оби чарогоҳҳо ва оби полезӣ, ва кашонидан, безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо, ки аз ҷониби зерсохторҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ба амал бароварда мешаванд, муқаррар ва тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).

2. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар мухлати муқарраргардида муқаррароти фармоиши мазкурро нисбати ҳамаи истифодабарандагон таъмин намуда, иҷрои онро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

3. Фармоиши мазкур аз 1 феврали соли 2024 мавриди амал қарор дода шавад.

4. Бо амалӣ гардидани фармоиши мазкур, фармоишҳои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2018, №90 «Дар бораи танзим намудани Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо ва полизӣ», аз 20 сентябри соли 2023 №33, "Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо ва полизӣ ва кашонидан, безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо" ва нархномаи кашонидан, безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо ба масофи то 15 км, ки аз 10 июли соли 2015 бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ мувофиқа карда шудааст, беэътибор дониста шаванд.

5. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми сардори Хадамот вогузор карда шавад.

Сардори Хадамот А. Муминзод

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ"

# ФАРМОН

аз « 17 » 01 соли 2024 № 08/7 ш. Душанбе

Мазмун: "Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо, полезӣ, кашонидан ва безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партовҳо"

Мутобиқи Оинномаи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2001, №357 тасдиқ карда шудааст, дар асоси фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2024, №3,

### ФАРМОН МЕДИҲАМ:

1. Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо, полезӣ, кашонидан ва безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо, ки бо фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2024, №3, тасдиқ карда шудааст, мувофиқи замимаҳои 1, 2, 3 ва 4 таъмин карда шаванд.

2. Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо, полезӣ, кашонидан ва безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партобҳо аз санаи 1 феврали соли 2024 дар амал ҷорӣ карда шаванд.

3. Намунаи шартномаи корхонаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ ва намунаи шртномаи оид ба таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи партовоб, ки бо мактуби Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №02-05/1/70 аз 15 январи соли 2024 ба мақсад мувофиқ шуморида шудааст, мавриди истифода қарор дода шавад.

4. Директорони корхонаҳои тобеи Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" воқеъ дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ вазифадор карда шаванд:

- аз 1 феврали соли 2024 шартномабандиро бо истифодабарандагони хизматрасониҳо мувофиқи нархномаҳои дар банди 1 ва намунаи шартномаи дар банди 3 – и фармони мазкур зикршуда таъмин намоянд;

4. Нархномаҳои хизматрасониҳои таъмини оби нӯшокӣ ва баровардани партовобҳо (канализатсия) ба истисноӣ аҳолӣ барои дигар истифодабарандагон бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда муқаррар карда шудааст.

5. Сардорони шуъбаҳои иқтисод, обтаъминкунӣ, рафъи партовобҳо ва энергетикӣ, истифодабарии хоҷагии манзилию коммуналӣ, гармидиҳӣ ва механикӣ, директорони корхонаҳои тобеи Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" воқеъ дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ ва Муассисаи давлатии «Сарраёсати Тоҷикобдеҳот» - и тобеи Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" вазифадор карда шаванд, ки иҷрои талаботи бандҳои фармони мазкурро пурра ва сари вақт таъмин намоянд.

6. Фармони Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" аз 28 июли соли 2015, №109/7 "Оид ба ҷорӣ намудани нархномаҳои нави хизматрасонӣ" аз 27 августи соли 2018, №145/7, "Дар бораи танзим намудани Нархномаи хизматрасониҳои таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо ва полезӣ" ва аз 06 октябри соли 2023, №117/7, "Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаи хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо, полезӣ, кашонидан ва безараргардонии партовҳои сахти маишӣ, хошокрубаҳо ва партовҳо" аз эътибор соқит карда шавад.

7. Назорати иҷрои фармони мазкур ба зиммаи муовинони Директори генералӣ – сарпарастони соҳаҳои гузошта шавад.

Директори генералӣ — Давлатзода У. Г.

Замимаи 1

Бо фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«15» январ с.2024, № 3
тасдиқ карда шудааст.

Нархномаи
хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовобҳо
барои корхонаҳои давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи
КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»

| № | Номгӯи корхонаҳо | Воҳиди ченак | Таъминоти оби нӯшокӣ (ба 1 м³) | | | Рафъи партовобҳо (ба 1 м³) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | аҳолӣ | корхонаҳои буҷетӣ | корхонаҳои ҳисоби хоҷагӣ | аҳолӣ | корхонаҳои буҷетӣ | корхонаҳои ҳисоби хоҷагӣ |
| | **вилояти Хатлон** | | | | | | | |
| 1 | КДФ ОК Бохтар | сомонӣ | 1,40 | 2,60 | 4,34 | 0,68 | 1,26 | 2,26 |
| 2 | КДФ ОК Қушониён | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | 0,66 | 1,30 | 2,18 |
| 3 | КДФ ОК Вахш | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | - | - | - |
| 4 | К ОК Кӯлоб | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | 0,66 | 1,30 | 2,18 |
| 5 | КДФ ОК Ҷ.Балхӣ | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | 0,66 | 1,30 | 2,18 |
| 6 | КДФ ОК Фархор | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | - | - | - |
| 7 | КДФ ОК Данғара | сомонӣ | 1,40 | 2,60 | 4,34 | 0,66 | 1,30 | 2,42 |
| 8 | КДФ ОК Ҷайҳун | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | 0,66 | 1,30 | 2,18 |
| 9 | КДФ О Муъминобод | сомонӣ | 1,23 | 1,74 | 3,48 | - | - | - |
| 10 | КФД ОК Шаҳритус | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | 0,66 | 1,30 | 2,18 |
| 11 | КДФ О Панҷ | сомонӣ | 1,30 | 2,60 | 4,18 | - | - | - |
| 12 | КДФ ОК М.С. А. Ҳамадонӣ | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | - | - | - |
| 13 | КДФ ОК Восеъ | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | - | - | - |
| 14 | КФ О Ховалинг | сомонӣ | 1,30 | 2,42 | 4,18 | - | - | - |
| 15 | КДФ ОК Ш. Шоҳин | сомонӣ | 1,23 | 1,74 | 3,48 | - | - | - |
| 16 | КДФ ОК ва Г Ёвон | сомонӣ | 1,23 | 1,74 | 3,48 | 0,66 | 1,30 | 2,18 |
| 17 | КДФ ОК Қубодиён | сомонӣ | 1,23 | 1,74 | 3,48 | - | - | - |
| 18 | КДФ ОК А.Ҷомӣ | сомонӣ | 1,30 | 1,74 | 3,48 | | | |